# БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## Шарҳи моҳонаи таваррум ● Январи 2017

**Сатҳи таваррум дар моҳи январи соли 2017 ба 0,6% баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,8 банди фоизӣ коҳиш ёфт. Коҳишёбии мазкур боиси нисбатан поёнравии таварруми солона (дар 12 моҳи охир) гардида, сатҳи он бо назардошти таъсири "эфекти базавӣ" 5,3%-ро ташкил дод, ки дар муқоиса ба моҳи декабри соли қаблӣ (6,1%) 0,8 банди фоизӣ кам мебошад.**

Нишондоди мазкури таваррум новобаста аз таъсири омилҳои мавсимӣ ва хизматрасониҳо дар сатҳи муътадил қарор гирифт ва аз доираи дурнамои муқарраршуда ва нишондиҳандаи мақсаднок, ки дар интиҳои сол меъёри солонаи он ба андозаи 7,0% пешбинӣ гардидааст, поёнтар мебошад.

**Сатҳи таварруми аслӣ[2], ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат дар бар мегирад, дар моҳи ҳисоботӣ раванди муътадили поёнравиро соҳиб гашта, бо арзёбии солона 2,5%-ро ташкил намуд (-0,3 б.ф. м/м[1]).** Дар маҷмуъ ба сатҳи таварруми умумӣ асосан таъсири тағйиротҳои мавсимии маводи хӯрокворӣ ва арзиши тарифаҳои хизматрасонии маъмурӣ назаррас буданд. Дар навбати худ, аз тарафи омилҳои фундаменталӣ ба монанди, барзиёдии сатҳи талаботи маҷмӯӣ, афзоиши интизориҳои таварруми истеъмолкунандагон ва ё омили қурбӣ, дар ин моҳ фишорҳо ба таваррум минималӣ буданд.

**Чуноне, ки таҳлили пӯёи (динамикаи) таварруми аслӣ нишон медиҳад, дар сохтори он нархи хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ каме раванди болоравиро нисбат ба моҳҳои қаблӣ нишон дода, нархи маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ бетағйир боқӣ монд ва арзиши маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ бошад, дар маҷмуъ раванди коҳишёбиро соҳиб гардид. Саҳми бештари он ба маводи ғайрихӯрокворӣ 1,6%, маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ 0,7% (-0,5 б.ф. м/м) ва хизматрасониҳои бозорӣ 0,3% (0,2 б.ф. м/м) рост омад.** Аз ҷумла, дар сохтори маводи ғайрихӯрокворӣ тағйиротҳо нисбат ба моҳи декабр асосан аз ҳисоби афзоиши нархи матоъ (17,8% с/с), дар сохтори хизматрасонии бозорӣ арзиши хизматрасонии маишӣ (5,8% с/с) ва маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ бошад, аз ҳисоби нархи равған (6,1% с/с), макарон (7,7% с/с) ва асал (10,7% с/с) мушоҳида гардид.

**Дар моҳи январ гурӯҳи нархҳои истеъмолие, ки дар ҳисоби таварруми аслӣ истисно мегарданд, ба болоравии қисмати ғайриаслии таваррум мусоидат**

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таварруми аслӣ ва ғайриаслӣ, солона бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)






**намуданд.** Аз ҷумла, вобаста ба таъсири омилҳои мавсимӣ ва таклифот, нархҳои маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, ба монанди сабзавот (2,7% м/м ё 18,6% с/с)[1], тухм (1,8% м/м ё 15,4% с/с), шир (3,5% м/м ё -1,7% с/с) ва меваҷот (1,4% м/м ё 16,6% с/с) афзуданд. Дар баробари ин, дар моҳи январ нархҳои биринҷ (-0,5% м/м ё -8,6% с/с), шакар (-1,2% м/м ё 1,0% с/с) ва орд (-0,9% м/м ё -5,2% с/с) коҳиш ёфтанд.

Дар сохтори хизматрасониҳои таваррумӣ ғайриаслӣ, нархи хизматрасониҳои нақлиётӣ (8,4% м/м ё 15% с/с) ва маориф (3,3% м/м ё 15,0% с/с) боло рафт. Дар баробари ин, нархи маводи сӯзишворӣ дар натиҷаи ба сатҳи мувозинатӣ баргаштани талаботу пешниҳод (гази моеъ -3,6% м/м ё -11,3% с/с) нисбатан арзон шуд.

Дар маҷмуъ, дар давраи баррасишаванда сатҳи таваррумӣ солона аз ҳисоби афзоиши нархи маҳсулоти хӯрокворӣ ба андозаи 5,3 фоиз (-1,5 б.ф. м/м)[1] ва маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ 5,3 фоиз (-0,4 б.ф. м/м) ҳосил гардид. Тарифаҳои хизматрасони пулакӣ ба аҳолӣ бошад, то 5,0 фоиз (0,5 б.ф. м/м) боло рафтанд.

**Тибқи таҳлилҳо интизор меравад, ки дар моҳи феврал соли равон омилҳои таъсиррасони кӯтоҳмуддат, аз он ҷумла мавсимӣ ва беруна (фишорҳои қурбӣ) таъсири худро ба сатҳи таваррум бештар мерасонанд. Нообаста аз ин, интизорӣ меравад, ки меъёри таваррум дар интиҳои сол дар доираи нишондиҳандаи пешбинишуда 7,0 фоизи солона нигоҳ дошта мешавад.**

**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории он, солона бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)







---

[1] - м/м –моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)
- с/с – сол нисбат ба сол (тағйирёбии солона)

[2] - Таваррумӣ аслӣ бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили ҷараёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таваррумӣ умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таваррумӣ аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таваррумӣ аслӣ - усули истисноӣ буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгӯи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёд дошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабади намояи нархҳои истеъмолӣ номгӯи маҳсулоти бо лаппишҳои кӯтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таваррумӣ аслӣ маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, маводи сӯзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.

**Намояи нархҳои истеъмолӣ**

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | | | | | Январ, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | | | | | | | | | | | | 2017 | |
| | | | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | Сентябр | Октябр | Ноябр | Декабр | Январ | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,0** | **6,4** | **5,7** | **5,5** | **5,3** | **5,6** | **6,1** | **6,4** | **6,4** | **6,1** | **6,2** | **6,1** | **5,3** | **0,6** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **53,0** | **3,8** | **4,7** | **5,1** | **3,4** | **2,9** | **2,2** | **3,8** | **5,0** | **5,0** | **4,8** | **5,3** | **5,7** | **6,4** | **4,8** | **0,2** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 17,3 | 9,1 | 10,7 | 8,6 | 2,9 | 0,8 | 1,4 | 0,5 | -0,7 | -1,5 | -1,5 | -0,9 | -1,3 | -2,5 | -5,2 | -0,6 |
| Биринҷ | 3,1 | 11,6 | 9,9 | 9,4 | 7,4 | 4,1 | 0,4 | -0,9 | -4,7 | -5,2 | -4,6 | -5,4 | -8,0 | -9,2 | -8,6 | -0,5 |
| Орд | 10,4 | 7,8 | 10,4 | 7,1 | -1,1 | -3,4 | -1,5 | -2,6 | -3,0 | -4,2 | -4,3 | -3,0 | -2,8 | -3,0 | -7,2 | -0,9 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 9,1 | -10,2 | -10,2 | -5,8 | -4,9 | -5,2 | -5,0 | -4,9 | -4,5 | -2,5 | -2,4 | -2,1 | -0,8 | 3,7 | 3,9 | 0,0 |
| Гӯшти гов | 6,2 | -14,3 | -14,5 | -8,8 | -8,0 | -8,4 | -8,4 | -8,4 | -7,9 | -5,2 | -5,2 | -5,0 | -3,4 | 3,2 | 3,5 | -0,9 |
| Тухм | 1,4 | 5,5 | 4,9 | 2,3 | 0,3 | -0,8 | 3,9 | 5,0 | 4,9 | 4,3 | -0,8 | 18,3 | 20,8 | 12,0 | 15,4 | 1,8 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,6 | 7,3 | 1,8 | 1,1 | 1,0 | 2,7 | 4,0 | 3,5 | 4,2 | 4,9 | 4,2 | 5,5 | 1,8 | 0,4 | 2,8 | 2,0 |
| Шир | 0,4 | 16,1 | 0,1 | -3,9 | -4,8 | -1,8 | 1,7 | -0,7 | 0,8 | 2,0 | -0,1 | 3,4 | -6,3 | -7,2 | -1,7 | 3,5 |
| Равғани растанӣ ва ҳайвонот | 3,8 | 12,7 | 17,5 | 18,7 | 17,8 | 17,6 | 15,6 | 15,7 | 15,4 | 13,9 | 11,9 | 11,3 | 10,3 | 11,3 | 6,1 | 0,2 |
| Мевачот | 4,4 | 12,3 | 8,1 | 8,6 | 14,4 | 14,3 | 10,7 | 9,5 | 13,0 | 22,3 | 31,0 | 29,1 | 20,7 | 16,7 | 16,6 | 1,4 |
| Сабзавот | 8,8 | -12,4 | -12,6 | -11,5 | -13,5 | -12,0 | -14,0 | -0,5 | 13,1 | 9,0 | 5,5 | 2,7 | 8,9 | 16,5 | 18,6 | 2,7 |
| Шакар | 1,9 | 19,3 | 34,3 | 30,7 | 28,8 | 24,6 | 27,0 | 27,9 | 21,9 | 21,9 | 21,8 | 22,7 | 19,9 | 15,0 | 1,0 | -1,2 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,1 | 13,7 | 15,5 | 16,0 | 19,4 | 20,3 | 23,5 | 24,0 | 22,0 | 20,2 | 20,2 | 20,1 | 19,2 | 19,9 | 14,2 | -0,9 |
| **Хӯроки умумӣ*** | **0,9** | **14,9** | **14,9** | **16,9** | **16,9** | **11,7** | **11,7** | **11,7** | **13,9** | **13,9** | **20,4** | **19,4** | **16,5** | **19,9** | **19,9** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,5** | **15,9** | **15,4** | **17,7** | **18,8** | **19,1** | **23,0** | **19,5** | **17,1** | **16,1** | **15,4** | **16,0** | **14,9** | **11,8** | **12,2** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **30,5** | **7,9** | **8,5** | **8,8** | **9,5** | **9,7** | **10,3** | **9,4** | **8,1** | **8,2** | **8,1** | **7,5** | **6,6** | **5,7** | **5,2** | **0,2** |
| Либос ва пойафзол | 10,2 | 9,2 | 15,0 | 15,6 | 16,1 | 16,5 | 18,6 | 18,5 | 17,2 | 17,3 | 16,9 | 16,6 | 15,4 | 14,5 | 14,8 | 6,7 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3,9 | 2,2 | 1,2 | 1,0 | 1,3 | 0,1 | 0,2 | 0,2 | -0,1 | -1,6 | -1,8 | -0,8 | -1,1 | -0,9 | 0,0 | 0,1 |
| Моводи шустушуй | 1,5 | 15,5 | 11,2 | 11,1 | 10,4 | 9,2 | 8,7 | 8,7 | 7,8 | 6,5 | 6,5 | 6,0 | 4,3 | 1,2 | 1,6 | 1,0 |
| Доруворӣ | 2,6 | 24,7 | 24,5 | 28,4 | 32,6 | 32,6 | 32,0 | 24,8 | 15,3 | 16,0 | 16,0 | 15,6 | 18,1 | 14,1 | 12,9 | 0,0 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -7,0 | 9,0 | 7,5 | 6,9 | 10,8 | 11,6 | 2,3 | 2,4 | 7,9 | 10,5 | 8,6 | 3,3 | 2,9 | -1,1 | -0,1 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,5 | 19,0 | 20,3 | 17,1 | 17,1 | 17,1 | 17,1 | 17,1 | 17,1 | 17,1 | 17,1 | 6,1 | 3,7 | 3,0 | 3,5 | 0,5 |
| Васоити нақлиёт | 1,2 | -2,0 | -2,0 | -1,6 | -0,4 | -0,4 | -0,4 | -0,4 | -0,4 | -0,4 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,3 | 7,6 | 9,2 | 9,5 | 9,6 | 9,4 | 9,7 | 9,7 | 9,1 | 7,6 | 6,0 | 8,4 | 7,9 | 7,1 | 6,8 | 1,3 |
| **Хизматрасониҳо** | **14,2** | **2,2** | **4,1** | **4,4** | **4,5** | **4,6** | **4,8** | **2,8** | **4,4** | **6,3** | **7,0** | **4,4** | **5,4** | **4,5** | **5,0** | **2,8** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 4,9 | 3,2 | 4,9 | 4,0 | 1,6 | 2,7 | 2,5 | 1,2 | 2,5 | 5,2 | 5,8 | 5,4 | 11,1 | 9,8 | 6,7 | -0,4 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 14,3 | 14,3 | 14,3 | 12,3 | 12,3 | 9,7 | 9,7 | 9,7 | 5,9 | 5,7 | 2,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Обтаъминкунӣ ва партовбарорӣ | 0,6 | 20,1 | 0,0 | 0,0 | 2,3 | 2,3 | 2,3 | 2,3 | 2,3 | 2,3 | 2,3 | 5,1 | 5,1 | 5,1 | 6,6 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,5 | 0,0 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 28,6 | 28,6 | 16,3 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 6,7 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,2 | -6,3 | 5,4 | 5,2 | -6,5 | 0,9 | 0,3 | -8,6 | -5,5 | 4,9 | 9,4 | 6,9 | -2,2 | -6,6 | -9,4 | -3,1 |
| Нақлиёт | 4,3 | -2,3 | 2,4 | 4,2 | 7,6 | 7,6 | 7,5 | 3,5 | 6,9 | 10,2 | 10,0 | 2,3 | 0,2 | -1,4 | 1,7 | 8,4 |
| Алоқа | 1,8 | 0,8 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 1,3 | 1,3 |
| Маориф | 1,2 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 12,1 | 11,8 | 11,3 | 11,3 | 15,0 | 3,3 |
| Тандурустӣ | 0,7 | 14,0 | 12,3 | 14,4 | 12,2 | 7,0 | 7,0 | 4,3 | 4,3 | 4,3 | 3,7 | 3,4 | 1,9 | 1,9 | 3,6 | 1,7 |
| Маишӣ | 1,5 | 12,3 | 11,9 | 10,1 | 9,9 | 8,8 | 11,6 | 11,1 | 11,1 | 10,7 | 8,2 | 7,5 | 4,9 | 5,2 | 5,8 | 0,2 |

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо*

*манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ*